«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Мунир Ватан __________
аз «_19_» __________ 2026, №8/1

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Диссертатсияи Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)» дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна унвонҷӯйи кафедраи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба шумор мерафт.

Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна соли 2016 зинаи бакалаври факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забони англисӣ дохил шуда, соли 2018 зинаи мазкурро бо ихтисоси филолог, муаллими забони англисӣ хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ аз 04.10.2021, №19 ба ҳайси докторант (PhD)-и кафедраи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ аз руйи ихтисоси 6D021000 – Филологияи хориҷӣ қабул карда шуда, онро 21-уми июни соли 2024 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таърихи 26.01.2022, №6/4-16 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҷамшедов Парвонахон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои ҷорӣ ва имтиҳони маҷмуии докторант таҳти №49 аз 26.12.2025, №14 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дода шудааст.

Бояд зикр намуд, ки номбурда дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 03.03.2026, №38) фарқиятҳои академиро аз рӯйи ихтисоси 6D021000 – Филологияи хориҷӣ дар муқоиса ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) (аз 10.03.2026, №91 аз фанҳои "Назария ва тарҷумаи забони англисӣ" бо баҳои "аъло", "Усулҳои интерактивии таълими забони англисӣ" бо баҳои "аъло", "Таърихи забоншиносӣ" бо баҳои "аъло" ва "Забоншиносии муқоисавӣ" бо баҳои "хуб") супорида, диссертатсияи илмии худро дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) омода намудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 19-уми марти соли 2026, №8/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)» чунин хулоса қабул карда шуд:

Мавзуи диссертатсияи Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна дар забоншиносии тоҷик мавзуи нав буда, ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлилу таҳқиқи маҷмуӣ ва низомнокии шаклҳои тасрифнашавандаи феълро фаро гирифта,

барои забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ аҳаммиятнок ва саривақтӣ аст ва ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) **мутобиқат** менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503), аз ҷумла, ба масъалаҳои забон, адабиёт ва фарҳанг, амалишавии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2019, №438) **алоқаманд** мебошад.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамоянд.

Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияи Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна дар ироаи маърӯзаву гузоришҳо дар конференсия ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назарявии ҳайати профессорон ва устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия ва нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳои таҳқиқ дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои онро собит менамоянд.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бори нахуст дар забоншиносии тоҷик бар пояи осори фаровони бадеӣ мавзуи шаклҳои тасрифнашавандаи феълро мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор дода, умумият, шабоҳат ва тафовути сохторию корбурдии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муайян намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бо ягонагии дохилии диссертатсия ба тасвиб расида, дар намуди робитаи байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи

таҳқиқоти назариявӣ амсиласозиҳои таҳлилу таҳқиқи шаклҳои тасрифнашавандаи феъл метавонад ба рушди назария ва амалияи масъалаҳои забоншиносӣ мусоидат намоянд.

Диссертатсияи Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)» бо ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мутобиқат менамояд:

Диссератсия аз муқаддима, 3 боб, 15 параграф, хулоса ва рӯйхати ададбиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2, 69 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. **Ибодова, С.М.** Масдар ва хусусиятҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №6. – С. 65-71.
2. **Ибодова, С.М.** Масдар ҳамчун шакли ибтидоии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / А. Холиқзода, С.М. Ибодова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2024. – №1 (53). – С. 45-52.

3. **Ибодова, С.М.** Мафҳум ва мавқеи масдар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Паёми донишгоҳи Кӯлоб. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2022. – №3 (28). – С. 36-44.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

4. **Ибодова, С.М.** Назарияи шаклҳои ғайришахсии феъл (масдар) дар забони англисӣ / С.М. Ибодова // Маводди конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ миёни магистрантон ва докторантон (PhD) таҳти унвони "Эмомалӣ Раҳмон – Пешво ва ҳомии тоҷикони ҷаҳон". – Кӯлоб, 2021. – С. 100-102.
5. **Ибодова, С.М.** Масдар ва мавқеи он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба "Рӯзи байналмилалии забони модарӣ" ва амалигардонии "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030". – Душанбе, 2023. – С. 51-54.
6. **Ибодова, С.М.** Баррасии вазифаҳои сифати феълӣ дар ҷумлаҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқӣ "тарҷуманопазирӣ". – Душанбе, 2024. – С. 619-626.
7. **Ибодова, С.М.** Вазифаҳои асосии синтаксисии масдар дар истифодаи ҷумлаҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, аспирантону докторантон ва магистрантони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони "Масъалаҳои мубрами филологияи англис". – Душанбе, 2024. – С. 62-65.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои дигари таҳқиқот дар шакли гузориш, тезису маърӯзаҳо дар конфренсияҳои байналмилалӣ, илмӣ-назариявии

ҳарсолаи ҳайати профессорону омӯзгорони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ва ғ. (2020-2024) инъикос ёфтаанд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) кори анҷомёфта ҳисобида шавад;
2. Диссертатсияи Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 19-уми марти соли 2026 протоколи №8/1 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Давлатзода Файзиддин Ҷамил

Котиби илмии ҷаласа:
муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Сайдалиева Зуҳро Обидовна

Имзоҳои Ф.Ҷ. Давлатзода ва З.О. Сайдалиеваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Давлатов Миралӣ Абдусамадович